**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**

**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С. ______________**

**«15» _____________ соли 2026**

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи номзадии Солеҳзода Давлатбек Урок дар мавзуи «Экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятии ҷумҳурии тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ дар кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Солеҳзода Давлатбек Урок унвонҷӯи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Солеҳзода Давлатбек Урок соли 1998 ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ихтисоси ҳуқуқшиносии умумӣ дохил шуда, онро соли 2003 хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2017 №01-05 ба ҳайси унвонҷӯ дар кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносӣ қабул гардида, ҳамзамон, таҳсилро дар асоси фармоиши ректори Донишгоҳ аз 14 январи соли 2021 №22-05 хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 5 июни соли 2017 №12 тасдиқ шудааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 2 декабри соли 2023, №108 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Искандаров Зайниддин Ҳамидович доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории ва факултети хуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсияи Солеҳзода Давлатбек Уроқ дар ҷаласаи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 12 январи соли 2026, №6 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Солеҳзода Давлатбек Урок дар мавзуи «Экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятии ҷумҳурии тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9.Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ,чунин хулоса қабул карда шуд:

1. **Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва мухтавои диссертатсия.** Тадқиқоти диссертатсионӣ, ки дар мавзӯи «Экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Точикистон» барои дарёфти дараҷаи илмӣ – номзади илмҳои хуқуқшиносӣ гузаронида шудааст, вобаста ба мазмуну мухтаво ба шиносномаи ихтисоси 5.5.9 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, ки ʿбо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 27 апрели соли 2017, №1/4 тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад

2. **Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 - 2030 анҷом дода шудааст.

**3. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 10 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 5 ададди онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои нашргардидида, фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**4. Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ асосан ҷанбаҳои амалӣ ва мушкилоти марбут ба экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтанд. Аз ин рӯ, истифодаи натиҷаҳои ин тадқиқот барои доираи васеи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла мутахассисони муассисаҳои экспертизаи давлатии судӣ, амри муносиб ҳисобида мешавад.

Ин мавзуъ бо он асоснок мешавад, ки зимни таҳияи диссертатсия масъалаҳои мушаххасе, ки дар раванди таъин ва гузаронидани экспертизаи судӣ, таҳияи хулосаи коршинос ва арзёбии он аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба вуҷуд меоянд, мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Мушкилот ва нуқтаҳои назаррас тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин дар асоси таҳлили муқоисавӣ бо қонунгузории кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла давлатҳои иштирокчии ИДМ, таҳлил ва роҳҳои ҳалли онҳо пешниҳод шудаанд.

Тадқиқот нишон дод, ки зарурати такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, ки масъалаҳои таъин ва гузаронидани экспертизаи

судиро дар суд танзим мекунад, мавҷуд аст. Пешниҳодҳо оид ба таҳия ва татбиқи меъёрҳои нави ҳуқуқӣ ва ворид намудани тағйирот ба меъёрҳои амалкунандаи мурофиавии ҷиноятӣ, ки мақоми коршинос ва фаъолияти ӯро дар доираи мурофиаи ҷиноятӣ муайян мекунанд, омода карда шуданд. Натиҷаҳои илмии бадастомада метавонанд ба таври васеъ дар таҳия ва такмил додани қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки фаъолияти экспертизаи судиро танзим мекунанд, истифода шаванд. Ғоя ва нуқтаҳои асосие, ки дар раванди таҳқиқот баён шудаанд, метавонанд ҳамчун асоси назариявӣ дар тадқиқоти минбаъдаи илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ва соҳаҳои наздики он истифода шаванд. Ҳамчунин, онҳо метавонанд дар барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва баъд аз он ҳамчун манбаи назариявӣ ва амалии муҳим ба кор гирифта шаванд.

**5. Саҳми шахсии довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Рисолаи номзадии Солеҳзода Давлатбек Урок дар мавзуи «Экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятии ҷумҳурии тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мубрам ба ҳисоб рафта, барои илми ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ аҳаммияти муҳими назариявӣ ва амалӣ дорад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар тадқиқоти диссертатсионӣ бо як қатор ҷанбаҳои назаррас ва гуногунҷабҳа муайян карда мешавад. Аввалан, он дар натиҷаи татбиқи навгониҳои илмие, ки зимни таҳқиқот истифода шудаанд, зоҳир мегардад. Ин навгониҳои илмӣ ба доираи назариявӣ ва амалӣ дар соҳаи экспертизаи судӣ ва мурофиаи ҷиноятӣ равона шуда, роҳҳои нави ҳалли масъалаҳо, усулҳои таҳлил ва меъёрҳои арзёбии хулосаҳои коршиносонро дар амал таҷриба мекунанд.

Дуюм, саҳми шахсӣ дар тадқиқот тавассути истифодаи меъёрҳои илмие, ки вобаста ба натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд, фарқ мекунад. Ин меъёрҳо на танҳо ба таҳкими асосҳои

назариявӣ, балки ба таҷрибаи амалӣ ва амалисозии қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва фаъолияти экспертизаи судӣ низ мусоидат мекунанд.

Сеюм, саҳми диссертант дар тадқиқот дар шакли маърӯзаҳо ва баромадҳои илмӣ, ки зимни чорабиниҳои гуногуни илмӣ — аз ҷумла семинарҳо, мизҳои мудаввар, конференсияҳо ва ҳамоишҳо — пешниҳод шудаанд, ҷилва меёбад. Ин баромадҳо имконият медиҳанд, ки натиҷаҳои таҳқиқот ба муҳити академӣ ва мақомоти ваколатдори экспертизаи судӣ муаррифӣ ва муҳокима карда шаванд, ҳамзамон барои такмили амалияи коршиносон пешниҳодҳои мушаххас пешниҳод карда шаванд.

Ҳамчунин, саҳми шахсии диссертант дар тадқиқот тавассути пешниҳодҳо ва таклифҳои амалӣ барои беҳтаркунии фаъолияти Маркази Ҷумҳуриявии ҷумхуриявии экспертизаи судӣ криминалистӣ, коршиносони он (МҶЭСК) зоҳир мешавад. Ин пешниҳодҳо ба ҳамоҳангсозии усулҳои коршиносӣ, стандартикунонии фаъолияти экспертиза, тақвияти асоснокии хулосаҳо ва ба роҳ мондани раванди қонунӣ ва шаффофи мурофиаи ҷиноятӣ равона шудаанд.

Дар маҷмуъ, саҳми шахсии диссертант дар тадқиқот дар шаклҳои гуногун таҷассум ёфтааст: усулҳои хосси ҳамоҳангсозии назария ва амалияи экспертизаи судӣ, омӯзиши миқдори зиёди маводди судӣ ва таҳлилҳои муқоисавӣ, фаъолияти мустақил ва фаъол дар мақоми коршинос дар МҶЭСК, асоснокkунии хулосаҳо ва пешниҳоди роҳҳои амалии ҳалли мушкилот. Ин ҳама омилҳо якҷоя ба рушди назариявӣ ва амалии экспертизаи судӣ, такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва беҳтаркунии амалиёти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидат мекунанд.

Аз ин рӯ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот на танҳо ба рушди илми экспертизаи судӣ ва мурофиаи ҷиноятӣ, балки ба таҷрибаи амалии коршиносон ва самаранокии фаъолияти МҶЭСК таъсири устувор ва арзанда дорад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 то дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид буда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 6, 62 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Солеҳзода Д. Оид ба баъзе масоили мақоми коршинос дар мурофиаи судии ҷиноятӣ [Матн] / Д. Солеҳзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №3. – С. 259-263; ISSN 2413-5151.

**[2-М].** Солеҳзода Д. Нақши коршиноси судӣ дар раванди мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / Д. Солеҳзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021. – №3 (23). – С. 239-252; ISSN 2414 9217.

**[3-М].** Солеҳзода Д. Аҳамияти далелии хулосаи коршиноси судӣ (эксперт) аз рӯи тадқиқоти ҳуҷҷатҳои пластикӣ ҳангоми ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо [Матн] / Д. Солеҳзода // Қонунгузорӣ. – 2022. – №2 (46). – С. 101–107; ISSN 2410-2903.

**[4-М].** Солеҳзода Д. Масоили механизмҳои мурофиавии амалинамоии экспертизаи судӣ мутобиқи қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Д. Солеҳзода // Қонунгузорӣ. – 2023. – №3 (51). – С. 220–226; ISSN 2410-2903.

**[5-М].** Солеҳзода, Д. Ҳамкории коршиносони судӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мубориза бо ҷиноятҳои фаромиллӣ [Матн] / Д. Солеҳзода // Идоракунии давлатӣ. – 2024. – №2 (67). – С. 266-271; ISSN 2664-0651.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашриёҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[6-М].** Солеҳзода Д. Мушкилоти экспертиза дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / Д. Солеҳзода // Маводҳои конференсияи илмӣ ва амалии

ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Нақши экспертизаи судӣ дар тафтиши ҷиноят» – 2018. – (107–109). – С.278.

**[7-М].** Солеҳзода Д. Ба сифати далел баромад намудани хулосаи коршиноси судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / Д. Солеҳзода // Ҳаёт ва қонун – 2020. –(125–132).– С.174

**[8-М].** Солеҳзода Д. Хулосаи коршиноси судӣ ҳамчун далел дар мурофиаи ҷиноятӣ: Тадқиқоти илмӣ, назариявӣ ва амалӣ [Матн] / Д. Солеҳзода // Маводҳои конференсияи илмӣ ва амалии ҷумҳуриявӣ дар «Форуми ҳафтуми миллӣ оид ба волоияти қонун дар Тоҷикистон» Ҳаёт ва қонун. – 2022. – №2 – (105–108). – С. 120.

**[9-М].** Солеҳзода Д. Мубрамияти тадқиқоти эксперти дар раванди парвандаҳои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Д. Солеҳзода // Ҳаёт ва қонун – 2023. –№1– (114–119). – С. 143

**[10-М].** Солеҳзода Д. Нақши коршиноси судӣ дар тафтиши ҷиноятҳои марбут ба мубориза бар зидди савдои одамон: /Д. Солеҳзода// Маводҳои конференсияи илмӣ ва амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Муқовимат ба савдои одамон: мушкилот ва мулоҳизаҳо» – 2023. –( 187–190). – С249.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Солеҳзода Давлатбек Урок дар мавзуи «Экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятии ҷумҳурии тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ кори тақиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Солеҳзода Давлатбек Урокдар мавзуи «Экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятии ҷумҳурии тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 12 январи соли 2026 №6 қабул шуд.

Иштирок доштанд: 15 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 15 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:**
**Мудири кафедраи криминалистика**
**ва фаъолияти экспертизаи судии**
**факултети ҳуқуқшиносии ДМТ**
**д.и.ҳ., профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби ҷаласа:** **Ҳабибзода Н.Х.**

**Имзоҳои Назаров А.Қ ва Ҳабибзода Н.Х.-ро**

**ТАСДИҚ МЕКУНАМ:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДМТ** **Шодихонзода Э.Ш.**
**«12» январи соли 2026**

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj